ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАСИССАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

# НИЗОМНОМАИ КАФЕДРАИ ОФТАЛМОЛОГИЯ

Душанбе - 2021

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАСИССАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Шӯрои олимон,
Ректори МДТ «ДДТТ ба
номи Абӯалӣ ибни Сино»,
д.и.т., проф. ____________ Гулзода М.Қ.
«_____» ______________ с. 2021

# НИЗОМНОМАИ КАФЕДРАИ ОФТАЛМОЛОГИЯ

**Душанбе - 2021**

# МУНДАРИҶА

| | | |
|---|---|---|
| 1. | МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ.............................................. | 2 |
| 2. | СОХТОРИ КАФЕДРА ............................................ | 6 |
| 3. | МАҚСАД .................................................................. | 6 |
| 4. | ВАЗИФАҲО ............................................................... | 7 |
| 5. | ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ ................................................ | 7 |
| 6. | ФАЪОЛИЯТИ ТАШХИСИВУ ТАБОБАТӢ. ........................ | 8 |
| 7. | ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИДОРӢ. ...................................... | 8 |
| 8. | ҲАЙАТИ КАФЕДРА. .................................................. | 9 |
| 9. | ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲО. .............................................. | 9 |
| 10. | ВАРАҚАИ МУВОФИҚА НАМУДАН. ............................ | 12 |
| 11. | ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ ТАҒИЙРОТ. ...................... | 12 |
| 12. | ВАРАҚАИ ШИНОСОӢ. ................................................ | 13 |

# 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи кафедраи офталмологияи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1.2.Кафедраи офталмологияи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино бо пешниҳоди Шӯрои олимон соли 1942 таъсис ёфтааст.

1.3.Мақсади асосии таъсис додани кафедраи офталмология аз фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду такомули касбӣ, омӯзиши хусусиятҳои анатомӣ ва физиологии узви босира, тағйиротҳо ҳангоми бемориҳои мавзеӣ ва умумӣ, омӯзиши малакаҳои амалӣ барои муоинаи бемориҳои гуногуни узви босира, тарзу усулҳои расонидани ёрии таъҷилӣ ва аввалияи тиббӣ ва чорабиниҳое, ки ба ҳифзи биноиши кӯдакону калонсолон равона шудааст, иборат мебошад. Тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогии дорои тахассуси олӣ ва анҷом додани таҳқиқотҳои илмӣ низ ба мақсадҳои асосии кафедра дохил мешаванд.

1.4.Кафедра сохтори асосии таълимию илмии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба шумор рафта, фаъолияти худро дар самти корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад. Корҳои таълимию методӣ ва илмию таҳқиқотии кафедра ба самти асосии фаъолият ва фанҳои нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассис, ки таълими онҳо бо фармоиши ректори муассиса дар назди кафедра муқаррар карда шудааст, мутобиқат менамояд.

1.5.Кафедра тибқи муқаррароти амалкунанда дар асоси қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис ё барҳам дода мешавад.

1.6.Кафедра дар ҳайати на камтар аз 5 нафар омӯзгорон, ки ҳадди ақал

2 нафари онҳо дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ мебошанд, таъсис дода мешавад.

1.7.Кафедраро мудир, ки номзадии ӯ аз ҳисоби ҳайати профессорону омӯзгорон ё шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ пешбарӣ ва тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муҳлати 5 сол интихоб карда шудааст, роҳбарӣ менамояд.

1.8.Мудири кафедра дар асоси Низомномаи мазкур ва шартномаи меҳнатӣ (Замимаи 1) аз ҷумлаи докторони илм ва номзадҳои илм ба вазифа интихоб карда мешавад.

1.9.Дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра метавонанд шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ иштирок намоянд. Мудири кафедра барои як муҳлат ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интихоб карда мешавад. Шахсони дороӣ дараҷа ва унвони илмӣ дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра танҳо дар ду муҳлат иштирок карда метавонанд.

1.10.Интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи шахсоне, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, қатъиян манъ аст. Ба таври истисно дар кафедраҳои соҳаи фарҳанг ва варзиш интихоби мудири кафедра аз ҷумлаӣ омузгорони собиқадоре, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, барои як муҳлат иҷозат дода мешавад.

1.11.Дар ин ҳолат ба чунин номзадҳо имтиёз дода мешавад: 1) дар соҳаи санъат - ба шахсоне, ки ба унвони ифтихории Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ё собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (ҳунарпешаи халқӣ, рассоми халқӣ, меъмори халқӣ, арбоби шоистаи санъат, ҳунарпешаи шоиста, рассоми шоиста) сазовор гардида, ё барандаи ҷоизаи (дипломи) на камтар аз ду намоишгоҳ, озмун ё ҷашнвораи байналмилалӣ ва ё ҷумҳуриявӣ аз руйи соҳаҳои муайяни санъат

бошанд; 2) дар соҳаи варзиш - ба шахсоне, ки қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, қаҳрамони мусобиқаҳои ҷаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусобиқаҳои қаҳрамонии миллӣ бошанд ё унвони фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, унвони фахрии байналмилалӣ дошта бошанд ё барандаи ҷоиза дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бошанд ё на камтар аз 1 нафар қаҳрамони варзиш,

барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, мусобиқаи қаҳрамони чаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаҳрамони мусобиқаи миллӣ аз руйи соҳаҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро тайёр карда бошанд.

1.12.Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баъди интихоби мудири кафедра бо ӯ шартномаи меҳнатӣ мебандад. Натиҷаи иҷрои шартнома, инчунин фаъолияти мудири кафедра дар соли якум аз тарафи шуъбаи кадрҳо ва комиссияи махсуси муқарризон (иборат аз 3 нафар), ки бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст, мавриди санчиш қарор дода шуда, дар Шӯрои олимон баррасӣ мегардад.

1.13.Интихоби мудири кафедра дар асоси озмун гузаронида мешавад.

Эълон дар бораи гузаронидани озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ як моҳ пеш дар саҳифаҳои васоити ахбори умум интишор карда мешавад.

Дар озмун номзадҳо мутобиқи бандҳои 5-8-и Низомномаи мазкур, мувофиқ ба ихтисос ва тахассуси кафедра иштирок карда метавонанд. Номзади мудири кафедра интихоб мегардад, ки аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои дар Шуроӣ олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкаткардаро соҳиб шавад.

1.14.Мудири кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мавридҳои зерин бозхонд карда мешавад.

- иҷро накардани вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст;
  - иҷро накардани талаботи шартномаи меҳнатӣ;
  - манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти кафедра;
  - бо сабаби вазъи саломатӣ;
  - ба синни нафақа расидан;
  - бо хохиши худ;
  - муқаррароти дигаре, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунанда муайян намудааст.

1.15.Маҳдудияти синнусолӣ ҳангоми интихоб ва аз вазифа озод намудани мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад.

1.16.Фаъолияти кафедра тибқи нақшаҳои корӣ, ки иҷрои корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалиро дар бар гирифтааст, ба роҳ монда мешавад.
1.17.Масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд, рафти иҷрои нақшаҳо таҳти роҳбарии бевоситаи мудир дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор дода мешавад.
1.18.Дар ҷаласаҳои кафедра метавонанд профессорону омӯзгорон ва кормандоне, ки аз дигар кафедраҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаву ташкилотҳо даъват шудаанд, иштирок намоянд.
1.19.Фаъолияти кафедра бояд дар самти тайёр намудани бакалаврҳо, магистрҳо, докторҳои фалсафа (PhD), докторҳо аз рӯи ихтисос ва докторҳо, ки дорои дониш ва маҳорату малакаи баланди касбии барои бомуваффақият фаъолият намудани онҳо зарур, ҳамчунин рушди қобилияти эҷодии донишҷӯ, қобилияти илмии магистр, аспирант, докторант аз руи ихтисос, докторант ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии онҳо ба роҳ монда шавад.
1.20.Кафедра фаъолияти худро дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, қарорҳои Шӯрои олимон ва фармоишҳои
ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

**Номи расмии кафедра:**

-бо забони тоҷикӣ – **офталмология**
-бо забони русӣ – **офтальмология**
-бо забони англисӣ – **ophthalmology**

## 2. СОХТОРИ КАФЕДРА

2.1. Сохтор ва ҳайати кафедра ба ҳаҷми соатҳо ва хусусияти сарбории таълимӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ вобаста аст.
2.2. Ба ҳайати кафедра профессорон, дотсентон, муаллимони калон, ассистенту муҳаққиқ-коромӯзон, аспирантҳо, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантон, ҳамчунин кормандони ёрирасони сохторҳои таълимию илмӣ дохил мешаванд.
2.3. Ҷадвали воҳидҳои корӣ (штатӣ)-и кафедра тибқи талаботи дар муассисаи таҳсилоти олии касбии муқарраргардида ва бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад.
2.4. Уҳдадориҳои вазифавии омӯзгорон ва кормандони кафедра тибқи Дастурамали вазифавии дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалкунанда муайян карда мешавад.
2.5. Тартиби баргузории озмуни интихоб ба вазифаҳои омӯзгорони кафедра дар асоси «Низомномаи ишғоли вазифаҳои кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда мешавад.
2.6. Кафедра метавонад лабораторияҳои таълимӣ, илмӣ, кабинетҳои методӣ, фаннӣ, синфхонаҳои компютерӣ ва намояндагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ таъсис диҳад.
2.7. Ба кафедра вобаста ба ҳаҷми соатҳои таълимӣ ва мавҷуд будани беш аз 15 воҳиди корӣ метавонад аз тарафи раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифаи муовини мудир ҷудо карда шавад.
2.8. Дар кафедра бо мақсади баррасии масъалаҳои таълимӣ- методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ, семинарҳо, маҳфилҳо ташкил карда мешаванд.

## 3.МАҚСАД

Мақсади асосии таъсиси кафедраи офталмология аз фароҳам овардани шароити мусоид барои омӯзиши хусусиятҳои анатомию физиологии узви босира, тағйиротҳои ҳангоми бемориҳои маҳаллӣ ва умумӣ, ташаккули малакаҳои амалии зарурӣ барои ташаккули омӯзиши бемориҳои гуногуни узви босира, усулҳои ёрии таъҷилӣ ва аввалини тиббӣ ва чорабиниҳое, ки ба ҳифзи чашми кӯдакон ва калонсолон нигаронида шудаанд иборат мебошад. Тайёр намудани мутахассисҳои

илмӣ – педагогии дорои ихтисоси олӣ ва гузарондани таҳқиқоти илмӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи офталмология низ ба мақскадҳои кафедра дохил мешавад.

## 4. ВАЗИФАҲО

Вазифаҳои кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иборат аст аз:
4.1.Ташкил ва гузаронидани дарсҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ, лабораторӣ ва дигар намуди машғулиятҳои таълимӣ тибқи нақшаҳои таълимии Донишгоҳ.
4.2.Роҳбарӣ ба корҳои таълимӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ташкил ва гузаронидани имтиҳону санҷишҳои ҷорӣ.
4.3.Ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷӯён;
4.4.Таҳия ва интишори баронамаҳои таълимӣ.
4.5.Навиштани тақриз ба барномаҳои таълимие, ки аз кафедраҳои дигар омода гардиданд.
4.6.Ба чоп омода сохтани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва дигар маводи методӣ, аёният ва ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ дар раванди таълим.
4.7.Якҷоя бо муовини ректор оид ба илм ва нашрия иштирок дар интихоби номзадҳо барои ишғоли вазифаҳои холӣ дар кафедра (комиссияи озмунӣ).
4.8.Ташкил намудани конференсияҳои таълимӣ-методӣ.
4.9.Дастгирӣ намудан ва ёрии методӣ расонидан ба омӯзгорони ҷавон ва камтаҷриба дар роҳи такмил додани маҳорати педагогии онҳо.
4.10.Баррасии нақшаву барномаҳои инфродии таълимӣ, илмӣ, методӣ ва корҳои тарбиявии устодон ва кормандони кафедра.
4.11.Таҳия ва баррасии чорабиниҳо оид ба истифодаи маводи муосири таълимӣ ҳангоми машғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ.

## 5.ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ

5.1.Ба роҳ мондани корҳои илмӣ-методӣ дар асоси нақшаҳои тасдиқшуда.
5.2.Роҳбарӣ ба корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯён ва дар ташкилу гузаронидани конференсияҳои илмиву назариявӣ.

5.3.Муҳокимаи корҳои илмию таҳқиқотӣ ва татбиқи онҳо дар амалия;
5.4.Ба нашр тавсия намудани таълифоти анҷомёфта.
5.5.Назорати ҷараёни тайёр намудани докторантҳо, аспирантҳо, унвонҷӯйҳо ва такмили тахассуси илмии омӯзгорони кафедра.
5.6.Созмон додани чорабиниҳои илмӣ (конференсияҳои илмӣ-назариявӣ), аттестатсияи дараҷаҳои илмӣ бо ҳамоҳангии муовинати илм ва нашрияи Донишгоҳ.

## 6.ФАЪОЛТИЯТИ ТАШХИСИВУ ТАБОБАТӢ

6.1.Ташкили корҳои ташхисиву табобатӣ мувофиқи нақшаи дар кафедра тасдиқгардида.
6.2.Гузаронидани конфронсҳои клиникӣ доир ба масъалаҳои муҳими соҳаи офталмология.
6.3.Мунтазам гузаронидани гардишҳои клиникии беморон дар шуъбаҳои бемориҳои чашм аз ҷониби мудири кафедра ва дотсентон.
6.4.Дуруст ба роҳ мондан ва ворид намудани усулҳои ҳозиразамони ташхисӣ ва табобатии бемориҳои чашм.
6.5.Фароҳам овардани шароит барои азхуд намудани малакаҳои амалӣ дар соҳаи офталмология барои донишҷӯён.
6.6.Расонидани ёрии муоличавӣ ва машваратӣ ба беморони чашми муассисаҳои тиббии ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурӣ.

## 7.ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИДОРӢ

7.1.Донишгоҳ кафедраро барои фаъолияти кормандонаш бо ҳуҷраҳо, дастгоҳҳо, лавозимоти таълимӣ ва ғайраҳо таъмин менамояд.
7.2.Дар муҳлатҳои муайяншуда гузаронидани таъмири ҷорӣ ва капиталии ҳуҷраҳои кафедраҳо, ки бо мақсади таълимию педагогӣ ва илмӣ – таҳқиқотӣ истифода карда мешаванд.
7.3.Назорат ва таъмини таъмири лавозимоти таълимӣ, коммуникатсияҳои муҳандисию техникӣ барои босифат гузаронидани ҷараёни таълим ва таҳқикоти илмӣ.
7.4.Маъмурияти донишгоҳ якҷоя бо роҳбарони кафедраҳо иҷроиши қоидаҳои бехатарии техникӣ, ҳифзи меҳнат ва бехатарии зиддисӯхторро таъмин менамояд.

## 8.ҲАЙАТИ КАФЕДРА

Доктори илм, профессор мушовир, номзади илм, дотсент, омӯзгор, омӯзгори калон, ассистент, ходими калон ва хурди илмӣ, докторант ва аспирант, муҳаққиқ-коромӯз ва кормандони таълимию ёрирасон (лаборант, лаборанти калон, мудири лаборатория, мудири кабинет, котиби кафедра).

## 9. ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲО

9.1.Дастрас намудани маълумот оид ба ташкили раванди таълим ва масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд аз сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.
9.2.Ташкили корҳо дар самти тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ-педагогӣ.
9.3.Омӯзиш, пуррагардонӣ ва паҳн намудани таҷрибаи кории омӯзгорони собиқадор, расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони ҷавон дар азхудкунии маҳорати педагогӣ.
9.4.Муҳокимаи корҳои ҳатми бакалаврӣ, рисолаи магистрӣ, номзадӣ, докторӣ аз руи ихтисос ва доктории аъзоҳои кафедра ё бо супориши раёсати муассисаи таълимӣ ба кафедра сафарбаргардида.
9.5.Баррасии масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
9.6.Иштирок дар Шӯрои олимон ва шӯроҳои илмӣ-методии факултет, ҷаласаҳои дигар кафедраҳои муассисаи таълимӣ ва комиссияҳои аттестатсияи хатм.

## 9.1. ВАЗИФАҲОИ **МУДИРИ КАФЕДРА**

9.1.1.Дар ҷаласаҳои кории сохторҳои муассисаи таълимӣ, ки дар назди онҳо масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд муҳокима карда мешаванд, иштирок намояд.
9.1.2.Ҷаласаҳои кафедраро таъйин ва баргузор намояд.
9.1.3.Маҳфилӣ комиссияҳои методӣ, семинарҳои илмию методӣ, мизми

мудаввар ва дигар чорабиниҳои ба масъалаи таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии кафедра вобастаро ташкил диҳад.

9.1.4.Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба нақшаҳои таълимӣ, нақшаҳои кории ихтисосҳои амалкунанда ва масъалаҳои ба самтҳои фаъолияти кафедра алоқаманд пешниҳод манзур намояд.

9.1.5.Нақшаҳои тақвимии кафедра, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ ва тақризҳои кафедраро тасдиқ кунад.

9.1.6.Ҳисоби соатҳои кафедраро муайян намуда, сарбории таълимӣ ва дастурҳои вазифавиро дар байни ҳайати профессорону омӯзгорони кафедра тақсим намояд;

9.1.7.Ҳангоми ҷой доштани зарурати истеҳсолӣ вазифаи муовини мудири кафедра ва роҳбари маҳфилро дар асоси ҷамъиятӣ ташкил кунад;

9.1.8.Сифат ва иҷрои саривақтии сарбории таълимӣ, уҳдадориҳои вазифавӣ, гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра назорат кунад;

9.1.9.Интихоб ва ба Шӯрои олимони факултет ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешнидод намудани номзадии омӯзгорону кормандонро ба вазифаҳои холӣ амалӣ созад.

9.1.10.Тибқи талаботи амалкунанда ҳуҷҷатҳои омӯзгорону кормандонро барои дар кафедра ба кор қабул кардан пешнидод намояд.

9.1.11.Барои додани мукофот ё муҷозот ба ҳайати омӯзгорон ва кормандон ба садорати факултет ва раёсати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо пешниҳод муроҷиат намояд.

9.1.12.Ҷиҳати самаранок ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва кормандон аз роҳбарони сохторҳои дахлдори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин
гардонидани кафедраро бо васоити моддию техникӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ талаб кунад.

9.1.13.Оид ба масъалаҳои такмили раванди таълим, ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва муасиссаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо пешнидод баромад кунад.

9.1.14.Аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра риояи қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, интизоми меҳнат, иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва истифодаи самараноки захираҳои таъминкунандаи фаъолияти кафедраро талаб намояд.

## 9.2.УҲДАДОРИҲОИ КАФЕДРА

9.2.1.Ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра уҳдадоранд, ки фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинннома ва Низомномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва фармоишҳои ректор ба роҳ монанд.
9.2.2.Мудири кафедра дар ташкили фаъолияти кафедра, интихоб ва ҷойивазкунии кадрҳо, сифати банақшагирӣ ва ташкили раванди таълим, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ- тарбиявӣ ва байналмилалӣ, интизоми меҳнат ва ҳисоботдиҳӣ уҳдадор мебошад.
9.2.3.Уҳдадориҳои роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, семинар ва маҳфилҳои ба ҳайати кафедра дохилшаванда, ҳамчунин кормандони ёрирасони таълимию илмии кафедра тибқи «Дастурамали вазифавии кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ» муайян карда мешавад.

## ЭЗОҲҲО

1. Кафедра дар асоси нақшаи корӣ моҳе як маротиба ҷаласа мегузаронад.
2. Дар сурати набудани мудири кафедра вазифаи мудири кафедраро яке аз муаллимони ботаҷрибаи кафедра иҷро мекунад.
3. Барои навиштани рисолаҳои номзадӣ, докторӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ омӯзгорони кафедра метавонанд ба муҳлатҳои 3 ва ё 6 моҳ ба рухсатӣ раванд.
4. Фаъолияти кормандони кафедра тавассути пурсиш байни донишҷӯён аз ҷониби шӯъбаи кор бо ҷавонони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешавад.
5. Дар сурати иҷро накардани уҳдадориҳои хизматӣ корманд тибқи қонунгузории ҳамин Низомнома ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

# 10. ВАРАҚАИ МУВОФИҚА НАМУДАН

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи тасдиқ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба корҳои таълимию методӣ | Ибодзода С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Муҳаббатзода Ҷ.Қ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанг | Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ | Қобилов Қ.К. | | |
| 5. | Муовини ректор оид ба қисми хоҷагию маъмурӣ | Хокироев Т.З. | | |
| 6. | Сардори Хадамоти ректори донишгоҳ | Носирӣ Қ.Н. | | |
| 7. | Сардори Раёсати рушди кадрӣ | Абдуллозода С.М. | | |
| 8. | Сардори шуъбаи назорати ҳуқуқӣ | Саидзода Ҷ.З. | | |

# 11. ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ ТАҒЙИРОТ

| № | Асос барои ворид намудани тағйирот | Рақами саҳифа | Мазмуни мухтасари тағйирот | Санаи ворид намудан | Ному насаб, имзои шахси тайғирот ворид намуда |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

# 12.ВАРАҚАИ ШИНОСОӢ

| № | Вазифаи ишғолнамуда | Ному насаб | Санаи шиносоӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Мудири кафедра | Маҳмадзода Ш.Қ. | | |
| 2. | Дотсенти кафедра | Каримзода Ҳ.Ҷ. | | |
| 3. | Дотсенти кафедра | Останаева П.М. | | |
| 4. | Асистенти кафедра | Юнусова З.И. | | |
| 5. | Асистенти кафедра | Раҳимова З.И. | | |
| 6. | Асистенти кафедра | Қодирова Н.А. | | |
| 7. | Асистенти кафедра | Ҳалимова З.С. | | |
| 8. | Асистенти кафедра | Каримов М.Б. | | |
| 9. | Асистенти кафедра | Бобоева Т.С. | | |
| 10. | Асистенти кафедра | Абдураҳмонова Н.А. | | |
| 11. | Лаб. калони кафедра | Зиёзода М.Р. | | |

**Мудири кафедра,**
**н.и.т., дотсент** **Маҳмадзода Ш.Қ.**